# ТИРЕЗА

БЮЛЛЕТЕН

чилди 2, НАШРИ 6



# Дар фарҳанг қонеъмандии пурра, мавҷуд буда наметавонад….

***Георгий Шумо тавонистед, ки самти равиши Марказро хеле ҳам таъғир диҳед, боз чӣ гуна корҳоро дар вазифаи директор ба иҷро расонидан мехостед?***

Гуфтан душвор аст, ки боз чӣ гуна корҳоро ба иҷро расонидан мехостам… Дар фарҳанг қонеъмандии пурра, аз корҳое, ки ту мекунӣ мавҷуд буда наметавонад, на аз рӯи миқдор на аз рӯи сифат, ғояҳо набоянд тамом шаванд. Барои ҳамин, оиди корҳое, ки ҳоло ба сомон расонидан мехостам, рӯйхати дарозро овардан мумкин. Баъзе лоиҳаҳо, ки бо ман ташаббус шуда буданд, аллакай бе иштироки ман иҷро мешаванд, ғояҳои нав пайдо шуда истодаанд. Ба ғайр аз ин, кор дар Марказ – ин кори гурӯҳ мебошад, гурӯҳи эҷодӣ, ки мақсаду афзалиятҳои умумиро бо ҳам чудо мекунанд, барои ҳамин, ман фикр дорам, ки ҳамаи он чизҳое, ки якҷоя ба нақша мегирифтем, дар орзу доштем, иҷро хоҳанд шуд.

***Кор дар муасисаи фарҳангӣ, ин мисли муҳориба бо осиёбҳои бодӣ мебошад, дар вазифаи директор аз ҳама душвораш чӣ буд?***

Ба ин ҳам ҷавоби якмаъно додан душвор аст, дар ҳар кор душвориҳои худаш вуҷуд ҳаст. Аммо, лаҳзае, ки онро таъғир додан мехостам, ин фаъолияти сусти рассомону мусиқичиёни ҷавон буд… албатта аз бачаҳо ба мо мунтазам дархостҳои барои иштирок варзидан меомаданд, вале дар сатҳи ҳаваскории бадей буданд. Дар санъатӣ касбӣ бошад, қариб ки ҷавонон нестанд… ҷавонон гуфта мо 30 солаҳоро дар назар мегирем, ки қариб даҳ сол боз бо эҷодиёти касбӣ кор мекунанд, лекин 20 солаҳо қариб ки нестанд. Ин маро ҳам зиқ мекард ва ҳам дар ҳайрат меовард – охир санъат ин кор нест, ин тарзи ҳастӣ, худфаҳмӣ, андар расидан, ҳамаи ин барои фарди ҷавон, ки дар ҷустуҷӯи худ мебошад, муҳим аст… наход ки ҷавонои мо аллакай ба ҳама саволҳо ҷавоб доранд ё ин ҷавобҳоро дар дигар ҷойҳо меёбанд, ҷойҳои аз санъат дуртар?




Албатта, истисно ҳам буд – лоиҳа бо рассомони ҷавон «Нусхаи аслӣ», намоишгоҳи Ғайрат Усмонов, консерти рок-гурӯҳи «28 дней до завтра»… лекин инҳо маҳз ҳамон истисное мебошанд, ки қоидаро тасдиқ мекунанд.

***Ояндаи Бактрияро Шумо чӣ тавр мебинед?***

Мо бисёрҳо бор такрор мекунем, ки «Бактрия» дар ҳаёти фарҳангии шаҳр ва давлат, ва эҳтимол, ки дар минтақа ҳам, як мавқеи хоси зудро пайдо кардааст. Ин бисёр хуб, лекин мақсади чунин ташкилот, мисли Маркази мо, ба нуқтаи охирин омада расидан неву, балки ҳамавақт дар роҳ будан мебошад. Ландшафти фарҳангии Осиёи Марказӣ бо суръат таъғир намеёбаду, лекин доимо дар ҷараёни таъғирёбӣ мебошад, ва «Бактрия» ҳам бояд бо ин ландшафт таъғир ёбад ё ҳатто барои таъғирёбӣ ёрӣ диҳад. Ҳоло ду сол қабл аз ин, дар намоишгоҳҳо дар «Бактрия» асосан танҳо расмҳо ва графикаҳои анъанавиро дидан мумкин буд, имрӯз бошад, ҷои онҳоро аллакай воситаҳои нав ишғол кардаанд – фото, видео, инсталятсияҳо, ва ин дар бисёр ҷиҳатҳо муносибати мардумро ба санъати муосир таъғир дод, он андаке фаҳмотар шуд. Ва ба саволи пешина вобаста кунем агар – ҷиҳати таълимиро вусъат додан лозим аст. Агар дар вақтҳои наздик «мавҷи нав» дар санъат, мусиқӣ, театр пайдо нашавад, он гоҳ фарҳанги муосир дар Тоҷикистон дар бӯҳрони калон мемонад. Ман фикр дорам, ки «Бактрия» имконият дорад, ки ягон хел таъсири худро расонад, ки ин кор ба вуҷуд наояд, ва дар навбати худ, маҳз кӯшишу ғайратҳо дар ҳамин самт, бояд ки ветори асосии рушди Марказ шаванд.

*Сӯҳбат кард* **-** *Анна Басанова*

**Он ҷое, ки одамон ва эҷодиёт вомехӯранд**
**www.bactria.net**

Ҳайати муҳаррирон: Анна Басанова (муҳаррир).
Тарҷума: Фарух Кузиев, Толиб Бахромӣ, Годфри Квау.
Суратҳо ва дизайн: Антон Рухлов.
Сурат дар муқова: Абдулло Убайдуллоев (кори эҷодӣ - «қатра», лоиҳаи «ОБ»)

**Шарикон**: ACTED, Сафорати Фаронса, Сафорати ИМА, Раёсати Швейсария доир ба Тараққиёт ва Рушд, Комиссияи Аврупо дар Тоҷикистон.

## STOP КАДРИ «Об»

Об манбаи ҳаёт ва омили муҳими тараққиётёбӣ мебошад. Аммо, чӣ мешавад, агар миқдори об кифоя набошад, ё ба вай роҳ набошад? Ин намоишгоҳ кӯшиши ба масъалаҳои об диққатҳоро чалб кардан мебошад, ки ҳангоми ин, ҳар як асари эҷодӣ, шарҳи шахсии эҷодкорон обро ва аҳамияти онро, барои Тоҷикистон дар замони ҳозира, мебошад.



Кори эҷодии Сулаймон Шарифӣ



Кори эҷодии Алексей Румянсев




Инсталлятсияи Мурод Шарипов

## Global Art Lab

*Лоиҳаи* Global Art Lab, ташаббускории нави ташкилоти CEC ArtsLink дар Осиёи Миёна мебошад, ки имконият медиҳад мусоҳибаи фарҳангии умумибашариро, бо воситаи мубодилаи фикру андешаҳо байни ҷамъиятҳои ИМА, Қирғизистон ва Тоҷикистон, васеътар кунонад. Рассомон ва роҳбарони фарҳанг метавонанд якҷоя барномаҳоеро таҳия ва ба амал дароранд, ки барои паҳн намудани ғояҳои худ ба соҳаи санъати муосир, ки фаъолнокии ҷамъиятиро ба назар мегирад, ҳамчун восита ва низом хизмат хоҳанд кард. Дар маркази лоиҳаҳое, ки бо Global Art Lab – «Лабораторияи умумибашарии санъат» тайёр шудаанд, сохтҳои нави фаъолиятҳои таълимӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ мебошанд.

CEC ArtsLink – ташкилотест, ки ба манфиатҳои инкишофёбии санъат хизмат мерасонад ва барномаҳоро амалӣ мегардонад, ки ба фаъолкунӣ ва дастгирӣ намудани мубодилаи касбии байни намояндаҳои санъати тасвирию иҷрокунанда ва арт-менеҷерҳо дар ИМА ва Аврупои Марказӣ, Россия ва Авруосиё, равона карда шудаанд. Мо боварӣ дорем, ки барои ҷамъият, санъат ҳамчун воситаи аз ҳама чуқур ва мураккаби алоқа мебошад, ва рассому арт-менеҷерҳо метавонанд ба халқҳои дунё барои бартараф намудани нобоварӣ, пӯшидагӣ ва хусумати мутақобилае, ки тӯли асрҳо поя гирифтааст, ёрӣ диҳад.

CEC ArtsLink таҷрибаи бойи корӣ ва бо робитаҳои қавии ҳамкорӣ дар 30 кишвари ҷаҳон дорад. *Лоиҳаҳои* инноватсионии CEC, ки ҳамкории мутақобилан муфидро пешниҳод менамояд, имконият медиҳад, ки гуфтугӯйҳои конструктивӣ ва ҳамдигарфаҳмиро байни миллатҳо густариш диҳад. Ташкилот соли 1962 бо мақсади ба шаҳрвандони ИМА ва Иттиҳоди шӯравӣ пешкаш намудани имконияти кардани он чизе, ки ҳокимиятҳои ин давлатҳо карда наметавонистанд – яъне, дарҳоро кушоянд, бо идеяҳо мубодила кунанд ва эътимоди мутақобиларо барпо созанд, таъсис шудааст. Вале дар ҷаҳони мутараққӣ шуда ва мураккаби имрӯзаи мо, дипломатияи халқӣ бозидани нақши муҳимро давом дорад.

http://www.globalartlab09.blogspot.com/

Бактрия_дар бораи эҷодиёт

## ХАЛТУРА

Калимаҳоро донистан лозим аст. Мисол, калимаи русии «халтура»[1]. Вай аз куҷо пайдо шудааст?
Баъзеҳо мегӯянд, ки ин калимаи юнонӣ буда, аз калимаи «халкос» - мис, мебарояд.
Фоидаҳои рӯҳониён ба ду навъ ҷудо мешуданд: парофиалӣ ва халтурӣ.
Дар ҷануби Россия халтура гуфта, пул доданро барои «требу»[2], ки берун аз епархияи худӣ гузаронида мешуд, мегуфтанд.
Ин калима аз сурудхонон ба оркестрантҳо гузашт. Дар солҳои 1918-1919, ин калима бо воситаи ҳунармандон ба тамоми гӯшаю канори давлат паҳн шуд, мисли каламушҳо, ки дар давраи Екатерина паҳн шуда буданд.
Ба андешаи Максим Горкий, калимаи «холт» дар Қазон чизеро маънидод мекунад, ки он ба таъиноташ ҷавобгӯй нест. Мисол, собуне, ки мағзоба намебарорад. Он гоҳ мебарояд, ки халтура калимаи тоторӣ мебошад.
….
….
Ду навъи халтура вуҷуд дорад: юнонӣ ва тоторӣ.
Халтураи юнонӣ. Ин он гоҳ истифода мешавад, вақте ки одам дар ҷое, ки лозим нест менависад, ва дар ҷое суруд мехонад, ки он ҷо на бояд хонад.
Халтураи тоторӣ: Одаме, ки дар вақти кор бекорчигӣ мекунад.
Халтуршикҳои[3] ин ду асл, якдигарро таҳқир мекунанд ва доимо хусумат мекунанд.
…
Халтурашикҳои якум асл оддатан бо истеъдод, ва халтуршикҳои дуюм асл бошад – бо дурустии самт, ҳавобаландӣ мекунанд. Навъҳои омехтаи юнониву тоторӣ ҳам вуҷуд ҳастанд.
Санъат ба таври алоҳида вуҷуд дорад.

Виктор Шкловский, (порча аз китоби «Ҳисоби Гамбургӣ»)

Виктор Шкловский (1893-1984) – нависандаи советии рус, адабиётчӣ, танқидгар, синамошинос ва синамосенарист.

[1] Дар забони русӣ ду хел маънидод мешавад: ҳамчун «фоидаи иловагии бе дардимиён» ва «кори чала-нимкола».
[2] Маросим ё ибодати динӣ, ки бо дархости шахсӣ гузаронида мешавад.
[3] Ба русӣ: одамоне, ки халтура мекунанд.

# Интервю бо Рустам Дуллоев

**Рустам Дулоев - ҳунарманди халқии ҶТ, сарояндаи опера, тенор буда, аллакай даҳ сол боз дар Италия кор ва зиндагӣ мекунад. Аз тарафи театри Академии опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ барои иҷрои партияи Радамес дар операи “Аида”-и Ҷузепе Вердӣ, даъват карда шуда буд.**

Рустам якумин сарояндаи опера дар Тоҷикистон мебошад, ки Академияи санъати операро дар шахри Озимо дар Италия хатм кардааст, ин Академияи давлатӣ мебошад. Таҳсил кардан дар Академияи машҳури дунё - орзуи ҳар як сароянда мебошад, он ҷо бисёри ситораҳои маъруфи дунё, мисли Франко Кореллӣ, Лучано Павароттӣ, Райна Кабаваявская - сопрано, аз Болгария мебошад, таҳсил ва дарс додаанд. Инчунин дар он ҷо Маэстро Тонинӣ дарс медиҳанд.



***- Рустам, ба Шумо ҳамчун ба сароянда, кӣ илҳом мебахшад?***

- Лучано Павароттӣ - ӯ услуби хеле баланди иҷроишӣ дорад. Даминго-ро бошад барои қобилияти мусиқиаш (мусиқинокиаш) дӯст медорам. Мария Калас - сарояндаи бузург мебошад, вақте ки ӯ месарояд, мӯйҳои бадан рост мехезанд, ӯ симоҳои чунон бovаринокро офарида метавонад!...

***- Рустам, ба сарояндаи опера аз Тоҷикистон, дар Итолиё кор ва зиндагӣ кардан чӣ гуна мебошад? Ба ҳар ҳол, Италия гаҳвораи санъати опера мебошад, ки он ҷо ҳама вақт сарояндаҳои машҳур ва бузурге, ки обрӯю нуфузи ҷаҳониро доранд, буданд?***

- Албатта, дар Италия на он қадар осон аст, вай кишвари зебо мебошад, бахр, одамони меҳмондӯст. Вале, барои сароянда, донишҷӯ дар он ҷо хеле мушкил мебошад: ман, гуфтан мумкин аст, ки ба уқёнус худро партофтам. Яъне бо он маъно, ки дар Итолиё рақобат баланд аст: аз тамоми дунё онҷо сарояндаҳои беҳтарин меоянд, то ки ба саҳнаи опера бароянд. Ман шабу рӯз машқ мекардам, танҳо дар бораи он фикр мекардам, ки муаллимони хубро пайдо намуда, дарс омӯзам. Ва тамоми ҳаёти ман дар он ҷо аз дарс омӯзӣ иборат мебошад. Ва натиҷаи таҳсили манро дар операи “Аида”, ки дар саҳнаи театри опера ва балети мо гузошта шуда буд, дида мешуд. Зеро муаллимони ман дар Италия хеле бақувват ва дар ҷаҳон машҳур, мебошанд. Ман зиёда аз даҳ сол боз дар таҳти муаллимии Тонинӣ таҳсил мегирам - фарзанди ҳамон Тонинии машҳур, ки дар театри Ла Скала кор мекард.

***- Шумо дар Итолиё месароед, оё аз дигар театрҳо ҳам даъват мекарданд?***

- Ҳа, бале. Соли гузашта ман партияи Карадосиро дар операи “Тоска” дар Олмон, Белгия, Фаронса, Норвегия, Дания, Англия сароида будам. Барои интихоб намудани сароянда барои иҷрои ин партия, озмуни калон гузаронида шуда буд, аз Австрия омада буданд ва маро аз байни ҳама, ҳамчун сарояндаи итолиёии опера, интихоб намуданд, зеро ман ба мактаби сарояндагии итолиёӣ таълуқ дорам.

***- Чунин муҳаббат ба санъати опера аз куҷо?***

- Падарам дуредгар буд, аммо ӯ овози зебо дошт ва дар тӯйҳо месароид. Модарам бошад, хеле орзу дошт, ки ман ҳунарманд шавам. Ӯ ҳунарманди боистеъдоди худомӯз буд. Чунин тақлидҳо карда метавонист ки!

***- Аз кадом асарҳо ва кадом оҳангсозон репертуари шумо иборат мебошад?***

- Ҷузеппе Верди, Пуччинӣ, Масканӣ, Чайковский, Римский - Корсаков, сурудҳои халқии русӣ.

***- Оё шумо ягон бор дар ягон ҷо ҳангоми консертдиҳӣ дар Италия, асарҳои оҳангсозони тоҷикро иҷро карда будед? Мардум чӣ тавр қабул карда буданд? Умуман ба тамошобини итолиёӣ, мусиқӣ, фарҳанг, адабиёти тоҷик шинос аст?***

- Бале, дар яке аз консертҳо ман романси З. Шаҳидӣ “Зи сӯзи сина” ва фалакро иҷро карда будам. Тамошобинон хеле хуб пазируфта буданд, ва махсусан ба онҳо санъати фалакхонӣ бе ниҳоят шавқовар буд.

***- Умуман тамошобинони итолиёӣ ягон чиз дар бораи кишвар ва фарҳанги мо медонанд?***

- Онҳо, умуман гӯем, фарҳанги русиро медонанд. Ман пеш аз ҳар як консерти худам, илтимос мекунам, ки дар бораи кишвари ман, дар бораи халқи ман, фарҳангаш нақл кунанд.

***- Оё ба ватан баргаштан мехоҳед?***

- Бале, албатта ман бар мегардам. Ҳамон вақте ки даъват кунанд, ва ҳатман пеши тамошобинони азизи худ баромад мекунам. Ман тамоми умр маҳз барои ҳамин таълим мегирифтам. Агар, ақалан дар як моҳ ду-се операро ба намоиш мегузоштанд, ман албатта мемондам ва кор мекардам. Вале модоме, ки кор нест, ман бе кор истода наметавонам, техникаи худро гум карда метавонам. Ман ба роҳбарияти театр хеле миннатдор ҳастам, махсусан ба Холмаҳмад Маҷидов, ӯ ташкилотчии хуб мебошад, ба санъат муҳаббати калон дорад, мо бо ӯ дар оянда лоиҳаҳои ҳамҷоя дорем, орзумандам, ки мо онҳоро амли гардонида метавонем ва театрро ба сатҳи дигар мебардорем.

***- Хуб, интавр бошад, ба шумо муваффақия, ва барои сӯҳбататон ташаккур.***

*Амал Хонум ГАҶИЕВА*